## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи “Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Муҳиммият ва зарурияти мавзуи таҳқиқот**. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Қамчибекзода Гулнора Эшон дар он ифода меёбад, ки дараҷаи маърифатнокии педагогӣ- психологии волидон ва коркарди воситаҳои педагогии ташаккули маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оиларо муайян мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷояги бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи муайян баланд бардоштани таҳсилот ва дараҷаи маърифатии муҳасилини ҳамаи зинаҳои таҳсилот бахусус, баҳри ташаккули ҷаҳонфаҳмии насли наврас тамоми сайъу кӯшишҳояшро равона карда истодааст.

Дар ҳақиқат, воситаҳои педагогии ташаккули маърифати педагогию психологии волидон, ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила ба ҳисоб меравад.

Масъалаи воситаҳои педагогии ташаккули маърифати педагогию психологии волидон аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони ватаниву хориҷӣ омӯхтаву баррасӣ шудаанд. Таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷиро таҳлили пурра намуда, муаллиф норасоиҳо ва ихтилофҳро ошкор намуда, муаммои таҳқиқотро муайян намудааст. Дар асоси муайян намудани муаммо, таҳлили адабиёти фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, заминаҳои асосии назариявии мавзуъ муайян карда шуда, барнома ва методикаи таҳқиқ омода карда шудаанд.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти худро ба масъалаи воситаҳои педагогии ташаккули маърифати педагогию психологии волидон муайян намудааст. Таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, саволномаҳо, гистограмаҳо) тасдиқ менамояд.

Қамчибекзода Гулнора Эшон бар он ақида аст, ки шакл, усулҳо ва роҳҳои ташаккулдиҳии маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагонро дар оила муайян намуда,

дар ин замина фарзия ва навгонии тадқиқот муайян карда шуд; кори озмоишӣ ба роҳ монда шуд ва дар ҷараёни он натиҷаҳои илмии таҳқиқот таҳлил ва ба низом даровarда шуданд, чорабиниҳои гуногун тренингҳо конфренсияҳо доир ба маърифати педагогию психологии волидон гузаронида шуданд.

Боби аввали рисола: **“Асосҳои назариявии маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ”** номгузорӣ шуда, ду фаслро дар бар мегирад. Омӯзиши масъалаи оила ва нақши он барои инкишофи ҷомеа, баробари такомул додани донишҳои зеҳнӣ амалӣ мегардад. Таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши илмии оила барои коркарди сиёсати иҷтимоии даврат низ нақши муҳим мебозад.

Оила дар илм ҳамчун институти ҷамъиятӣ муаррифӣ гардида, аз шакли қабилавӣ то шакли ташаккулёфтаи муосир расидааст. Вижагии асосии оила дар он зоҳир мегардад, ки инсон ба танҳоӣ наметавонист зиндагӣ кунад. Раванди ташаккули оила аз оилаҳои бузург ба оилаҳои хурдро фаро гирифта,дар замони муосир боз ҳам миқдори аъзоёни оилаҳо камтар мешаванд. Ҳатто оилаҳои бидуни фарзанд пайдо шудаистодаанд, ки падидаи он қадар хуб нест. Аз қадимулайём оила вазифаи худро дошт. Оила рукни ҷомеа ба ҳисоб рафта,зиндагии инсон дар муҳити хонавода ҳаёт бурдан аст. Аз ин рӯ соҳиби оилаву фарзанд будан ниҳоят муҳим аст.

Боби дуюм **“Истифоди технологияи нави фаъолгардонии равобити оила ва муассисаҳои таълимӣ ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила”** ном гирифта, дар он омӯзиши вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба маърифати педагогӣ-психологии волидон дар шароити муосир таъкид гардидааст. Ҳамзамон зикр карда шудааст, ки ба таълиму тарбияи фарзанд аҳмияти бештар зоҳир намуда, дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву накӯкорӣ ва ахлоқи ҳамида тарбия намудан ва ба воя расидани онҳо кӯшиш мекарданд.

Муаллифи рисола андешаронӣ намуда, қайд кардааст, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таълим бояд тағйироту навгониҳо ворид намоянд. Зимни равандҳои таълим ду масъалаи муҳимми педагогикӣ ба назар гирифта шудааст: омӯзиши таҷрибаи навини педагогӣ; татбиқи амалии навгониҳои педагогию психологӣ. Ҳамчунин, муаллифи рисолаи илмӣ ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо, ҳамкории мактабу оила дар таълиму тарбияи фарзанд, пешгирии шабгардӣ, бозоршинӣ,берун аз мактаб мондан ва ба ҷиноят даст назадани ноболиғон ба роҳбарони муассисаҳо, омӯзгорон, кумитаи падару модаронро ба миён гузоштааст.

Дар фасли дуюми боби дуюми рисола муаллиф усулҳои баландбардории маъарифати педагогӣ-психологии волидон ва роҳбарони синфро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Тарбияи маънавию ахлоқӣ хеле фарох аст. Роҳбарони синф, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳо бояд кӯшиш намоянд, ки меъёрҳои тарбия ба воситаи амалёти ибратбахши худи ҳамсинфони хонандагон ислоҳ ёбад.

Муаллиф таъкид медорад, ки барои баланд бардоштани раванди таълиму тарбия, пеш аз ҳама, маҳз бояд роҳбарони синф, директор ва муовинони онҳоро бо донишҳои педагогию психологӣ мусаллаҳ намуд, чунки онҳо тарбиятгари насли навраси имрузу фардоро ба воя мерасонанд. Ҳар шахсе, ки ба таълиму тарбия сару кор дорад, бояд бо донишҳои педагогию психологӣ мусаллаҳ гардад.

Замони муосир тақозо менамояд, ки бояд оила, мактаб ва ҷомеа байни ҳам равобити қавӣ дошта бошанд, якҷоя дар тарбияи фарзандони худогоҳу ватандӯсти миллат саҳмгузор бошанд ва ҳар яке масъулияти худро дар назди давлату миллат бо сарбаландӣ эҳсос намояд.

Боби сеюми диссертатсия “**Кори таҷрибавӣ- эксперименталӣ бо волидон дар асоси тадбиқи технологияи нави маърифати педагогӣ-психологии волидон”** унвон гирифта, ду фасл иборат мебошад. Муаллифи рисолаи илмӣ коркарди технологияи нави маърифати педагогӣ-психологии волидон барои тарбияи оила дар заминаи анъанаҳои миллӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар баробари омӯзиш, барои шавқманд кардан ва бедор намудани завқи илмомӯзӣ байни хонандагони мактабҳо озмунҳои гуногун ба монанди: “Мактаби беҳтарин”, “Синфи беҳтарин”, “Лоиҳаи беҳтарин” ва ғайраҳо гузаронида мешаванд, ки барои фаъолгардонии хонандагон воситаи хуб аст, зеро чунин озмунҳо байни хонандагон рақобатро ба миён меоварад ва ин ҳамеша боиси рушду пешравӣ мегардад.Чунин озмунҳо на танҳо миёни хонандагон,балки миёни омӯзгорон ҳам гузаронида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки барои ба даст овардани маълумотҳои иловагӣ доир ба муоширати волидон бо хонанда дар оила, сатҳи маълумотнокии волидон, шумораи хонандагон дар оилаҳо методҳои мушоҳида, методҳои сотсиологии таҳқиқот ва суҳбат истифода шуданд. Медоди мушоҳидаи педагогӣ, ин метод амалан дар ҳар намуди таҳқиқот маъмулан истифода бурда мешавад.

Методи сотсиологии таҳқиқот ин ё он масъаларо ба таври оммавӣ таҳқиқ карда мешавад. Методи суҳбат ин гуфтугӯ дар байни ду шахс мебошад,ки дар рафти он хусусияти психологии дигареро ошкор менамояд.

Муаллифи рисолаи илмӣ дар асоси натиҷаҳои бадастовардашуда маълум намудааст,ки шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе 544 нафарро дар бар гирифта,ки қимати миёнаи арифметикӣ 4,6 воҳидро ташкил медиҳад.Чунин ҷиҳатҳои зикршударо ба инобат гирифта, дар байни волидону омӯзгорони муассиса тренинг гузаронидем,ки дар натиҷа аксарияти волидон хатогиҳои худро дарк намуда, фику ақидаҳои худро нисбат ба таълиму тарбияи фарзандонашон тағйир доданд.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, накша - барномаҳои таълимӣ - тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиккорона мавриди омӯзиш ва таҳил қарор додааст.

**Навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои илмӣ - назариявӣ ва методологӣ, роҳу усулҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти хонандагонро дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ баррасӣ гардидааст;

- технологияи нави маърифати педагогию психологии волидон барои тарбияи оила дар заминаи анъанаҳои миллӣ таҳия карда шудааст;

- бо мақсади ошкор кардани маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, пурсишнома ва нақшаи сӯҳбати педагогӣ бо хонандагон тартиб дода шудааст;

- пурсишномаи педагогӣ, яъне “хусусиятҳои тарбияи оилавӣ”, “дараҷаи маҳорати коммуникативии волидон”, “хусусиятҳои муоширати волидон ба кӯдакон” бо назардошти талаботи методҳои сотсиологии мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст;

- самаранокии истифодаи технологияҳои нави маърифати педагогӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати педагогию психологии волидон дар муассисаҳои барои таҷрибагузаронӣ пешбинигардида пайгирӣ карда шудааст;

- барномаи маърифати педагогию психологии волидон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия карда шудааст;

- модели маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила таҳия, илман асоснок ва ба амал ҷорӣ карда шудаанд;

- маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидой дар оила,анъанаҳои миллӣ дар тарбияи оилавӣ,маълумотнокии волидон,ҳамкории мактаб бо оила муайян карда шуданд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Қамчибекзода Гулнора Эшон аз он иборат аст, ки он ба тафаккури хонандагон таъсир расонида, барои ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидой дар илми педагогика роҳ мекушоянд;

- волидон бо донишҳои психологию педагогӣ мусаллаҳ мешаванд;
- камбудиҳо дар раванди таълиму тарбияи фарзандон бартараф мегарданд;
- низоъҳои байни фарзандону волидон коҳиш меёбанд;
- муносибати байниякдигарӣ дар оила тағйир ёфта,ба рушди шахсияти хонандагон мусоидат менамояд;
- маърифати педагогию психологии волидон- омили самарабахшии таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидой дар оила мегардад;
- истифода бурдани технологияи нави маърифати педагогию психологии волидон тавъам бо анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбияи фарзандон,ҳамкории оила ва муассисаи таълимиро пурқувват мегардонад.

Аҳамияти назарии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки маълумоти илмии бадастовардашударо метавон барои амалигардонии маърифатноккунонии волидон, коркарди барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ истифода бурд. Натиҷаи таҳқиқотро барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин ин натиҷаҳоро метавон ҳангоми таълими курсҳои "Маҳорати коммуникативии волидон", "Муошırати педагогии волидон", "Муносибатҳои волидон дар оила", "Педагогикаи омӯзгорӣ" ва "Педагогикаи синнусолӣ" ба таври васеъ истифода бурд.

Натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд. Илова бар ин, метавон муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои волидон, бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни факултаҳои педагогика ва психологияи ҷумҳурӣ тадрис намуд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба:

*банди 3* –Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои шароитҳои рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;),

банди 4. - Назарияҳо ва консепсияҳои таълим (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан; фардикунонӣ ва фарққунии таълим; намудҳо ва моделҳои таълим, ҳудуди татбиқи онҳо; технологияҳои таълимӣ; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ ва методии раванди таълим ва воситаҳои таълим; хусусиятҳои таълим дар сатҳҳои гуногуни таълим);

*банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

*Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот* дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯҳиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои таҷрибавӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаи бадастомада, дар таҳияи диссертатсия инъикос ёфтааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки тавассути озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсилаи роҳҳои мухталифи истифодаи ҳамаҷонибаи методҳои илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумот аз сарчашмаҳои боэътимоди гуногун бадастомада, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ

бо натиҷаҳои бадастомада ва ниҳоят дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

**Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ, фаъолияти таҷрибавӣ - озмоишӣ оид ба мавзуъи таҳқиқот ба анҷом расидааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия бо теъдоди 18 мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 номгӯйи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

Дар диссертатсия муқаррар карда шудааст, ки ҷорӣ намудани воситаҳои педагогии ташаккули маърифати педагогию психологии волидон, ҳамчун омили самарабахшии таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила муҳим аст.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баёншудаи унвонҷӯй Қамчибекзода Гулнора Эшон ва боэътимоду аз нигоҳи илмӣ асосноканд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикрронӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мутобиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардида, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф

пеши назар меорад.

Хулоса, тадкиқоте, ки Қамчибекзода Гулнора Эшон ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми педагогика боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори тадқиқотии Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи "Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ" тадқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва фарогири мавзӯи диссертатсия мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:** Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия бархе норасоиву кабудиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар рисола хуб мешуд, баъзе таҷрибаҳои муассисаҳои таълимӣ оиди ҳамкории онҳо бо волидайни хонандагон, мавҷудияти муваффақиятҳо, камбудию норасоиҳо ва таҳлили онҳо оварда оварда мешуданд, самаранокии рисола боз ҳам баланд мегардид.

2. Агар дар рисола доир ба муаммо ва мушкилоти мавҷудаи ҳамкориҳои муассисаҳои таълимӣ бо оилаҳо дар бобати таълиму тарбияи фарзандон ва роҳҳои бартараф намудани онҳо бештар маълумот дода мешуд, сифати рисола боз ҳам болотар мегардид.

3. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатоҳои имловию техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар фоидаи кор аст.

Бояд зикр кард, ки норасоиҳои зикршуда арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд, ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Камбудӣ ва костагиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи "Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи

Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия – Қамчибекзода Гулнора Эшон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ______________ Ализода Ш.

*Имзои дотсент Ализода Ш. - ро тасдиқ мекунам.*

*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои*
*махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик*
*Б.Ғафуров”* ______________ *Сайдуллозода З.С.*

Суроғаи муассиса:
735700.ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков1.
Тел.92 624 50 02 Почтаи элект: shoirakhon.valizoda@mail.ru

23.06.2025